# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қосимов Файзалӣ Маҳмадович дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01. – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст

Дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ, таъмини сулҳу субот ва тинҷӣ дар кишвар, пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ тақозо дорад, ки ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон заминаи асосии расидан ба ҳадафҳои олии давлатдорӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳсуб ёбад.

Махсусан, дар роҳи эъмори давлати ҳуқуқбунёд нақш ва мавқеи рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон бағоят бузург буда, ба зарурияти ҳарчӣ бештар аҳамият додан ва баланд бардоштани таълими ин фан бо диди нав таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намоем. Хурсандиовар аст, ки олимони ватанӣ дар ин самт корҳои илмӣ-амалӣ анҷом дода, роҳҳо ва зарурияти баланд бардоштани ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар шароити замони муосир матраҳ менамоянд.

Диссертатсияи Қосимов Ф.М., ки ба таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст, мавзӯи мубрам ба ҳисоб рафта, он заминаи тадқиқи ҳамаҷонибаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар ҷанбаҳои ин фаъолиятро, ки то имрӯз дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта буданд, фароҳам меорад.

Дар диссертатсия ҳашт нуктаи илмӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ки дар маҷмӯъ муҳим буда, дар илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ маҳсуб меёбанд.

Муаллифи диссертатсия давраҳои ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар ҳудуди Тоҷикистон ба таври аниқ нишон дода, онро дар робитаи ногусастанӣ бо таърихи ташаккулу рушди давлатдории тоҷикон медонад. Тасвири даврабандии таърихи ташаккул ва инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон ва баррасии ақидаҳои ҳозира оид ба таърифи мафҳуми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ хеле муҳим мебошад (саҳ. 14). Давраҳои асосии рушди танзими ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ асосан бо марҳилаҳои шаклгирии давлатдории тоҷикон мувофиқ мебошанд.

Ҳамзамон унвонҷӯ тавонистааст, ки хусусиятҳои ташаккул ва рушди

фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии давраи пасошӯравиро муайян намояд.

Муаллиф дар натиҷаи тадқиқоти илмии анҷомдодааш шарти зарурии амалигардонии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро, ки дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, хулосабандӣ намудааст. Ба андешаи ӯ ҷанбаи таърихию ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон таърихи хеле қадима дошта, танзими ҳуқуқии ин фаъолият барои ташаккулу рушди санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат аҳамияти бузурги илмӣ дорад. Чунин нуктаи илмии матраҳгардида боиси дастгирӣ мебошад, зеро амалисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва рушди он дар шароити муосир таҳқиқи таҷрибаи насли пешинаро тақозо менамояд (саҳ. 8).

Шарти асосии ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро омилҳое ташкил медиҳанд, ки барои баланд бардоштани он мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия «Тоҷикистони пасошӯравӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ном гирифтааст, ки мувофиқ ба мақсад аст. Дар зербоби мазкур омилҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таври зайл матраҳ гардидаанд: хусусиятҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар асри XXI дар Тоҷикистони пасошӯравӣ ва дурнамои инкишофи баъдии он; роҳҳои такмили минбаъдаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар асри XXI, шомилшавии он ба таҷдиди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон (саҳ. 16).

Омилҳои мазкур ҳамчун омилҳои ташаккулёбии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳисобида шуда, метавонанд чун роҳнамо барои тадқиқоти илмии оянда дар ин самт хизмат намоянд. Натиҷаи мусбати омӯзиши ин фаъолият шиносонидани донишҷӯён бо тартибу қоидаҳои истифодабарӣ ва татбиқи дастовардҳои илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар илмҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки муаллиф ба ин масъала низ ишора намудааст (саҳ. 17).

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбии тадқиқоти диссертатсионии Қосимов Ф.М., нисбат ба автореферати диссертатсия чунин эродҳоро манзур месозем:

**Якум**, муаллиф ҳамчун асосҳои назариявии таҳқиқот дар вақти таҳлил намудани мавзӯи интихобшуда аз осори олимони Россия ба таври васеъ истифода бурдааст (саҳ. 5-6). Вале осори на ҳамаи олимони ватаниро мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти худ қарор додааст, аз ҷумла, масалан осори илмиии Сотиволдиев Р.Ш. *("Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ")*, Ҳотамов Н. *("Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1924")*, Ятимов С.С. *("Очерк аз таърихи мақомоти бехатарии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1924-2004", "Нақши методи таърихӣ дар таҳқиқоти масъалаи асоси бехатарии давлатӣ", "Дар бораи сиёсати идеологӣ", "Унсурулмаоли Кайковус дар*

*бораи хирад"),* Шарифзода Ф.Р. *("Этикаи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ"),* Хайруллоев Ф.С. (*"Принсипи адолат дар ҳуқуқи исломӣ"*), Тоҳиров Ф.Т. *("Барқароркунии қонуни Шӯравӣ дар Тоҷикистон"),* Масов Р. *("Тоҷикон: муҳоҷирати дохилӣ ва омезиш")* ва монанди инҳо бешубҳа, ҳангоми таҳлил шудани масъалаи ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон мазмуни кори илмии тақризшавандаро метавонистанд ғанӣ намоянд. Умуман, ба андешаи мо, фаъолияти илмии олимони ватанӣ дар таҳқиқи масъалаҳое, ки ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ Тоҷикистон алоқаи зич доранд, набояд сарфи назар шаванд.

**Дуюм**, муаллиф дар нуктаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда чунин қайд менамояд: «Ташаккули фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, ки таърихи тӯлонӣ дорад ... пас аз фатҳи Осиёи Марказӣ аз ҷониби арабҳо ва густариши дину ҳуқуқи ислом таҳкими пояҳои ҳокимияти хилофат ташкилотҳо аз қабили «ҳисба (муҳтасиб)» поягузорӣ шуд, ки таъмини назму амният ва расидагии даъвову аҳкоми ҳуқуқиро бар уҳда дошт» (саҳ. 9).

Муаллиф баррасии хусусиятҳои зуҳуроти мақомоту умури интизомии ҷомеа, ҷанбаҳои гуногуни ниҳоди доруға, миршаб, шаҳна, аҳдос, иҳтисоб, ки таи асрҳои гузашта таъмини амниятро бар уҳда доштанд, маҳдуд шарҳ додааст, ки дар натиҷа мазмуну моҳияти онҳо норавшан боқӣ мондааст. Бинобар ин, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки дар рӯзи ҳимояи рисолаи номзадӣ истилоҳи нави ба илми ҳуқуқшиносӣ воридкардаашро васеътар ба самъи аъзои шӯрои диссертатсионӣ ва иштирокчиён расонад.

**Сеюм,** аз миёни омилҳое, ки ба ташаккули фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъсир мерасонанд, муаллифи диссертатсия танҳо ба ду омил – сиёсати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва таълим дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ зербоби алоҳидае бахшидааст. Хуб мешуд, агар муаллиф дар доираи зербоби алоҳида масъалаи ҷаҳонишавии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро мавриди баррасӣ қарор медод. Тавре маълум аст, равандҳои ҷаҳонишавӣ тамоми бахшҳои зиндагиро фаро гирифта, табиист, ки дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ бетаъсир намемонанд.

Аммо эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи тадқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар маҷмӯъ хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи омоданамудаи Қосимов Файзалӣ Маҳмадович дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб

меёбад ва ҷавобгӯи тамоми талаботи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 ба тасвиб расидааст ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент,
Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон,
аъзои ҳақиқии Академияи илмҳои
умумиҷаҳонии амнияти дастаҷамъӣ,
Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии
Тоҷикистон,
генерал-полковники милитсия Р.Ҳ. Раҳимзода

Имзои Раҳимзода Р.Ҳ.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати
шахсии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
генерал-майори милитсия С.К. Рамазонзода

«06» 10 2020 с.